ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

THE WORLD BANK
IBRD • IDA | WORLD BANK GROUP

# ЛОИҲАИ «РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ»

- Бо мақсади амалӣ намудани **Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф** дар ҳамкорӣ бо **Бонки ҷаҳонӣ** Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» мавриди татбиқ қарор дорад.

- Лоиҳаи мазкур аз ҷониби **Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо дастгирии **гурӯҳи мушовирони техникӣ** амалӣ карда мешавад.

- Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси **ҳамоҳангсози миллӣ** татбиқи Лоиҳаро роҳандозӣ мекунад.

- Лоиҳаи мазкур аз **1 марти соли 2016** оғоз ёфта, мухлати анҷоми он **31 октябри соли 2022** муайян шудааст.

- Ҳадаф ва вазифаи асосии Лоиҳа ин таҳияи механизмҳои беҳтар намудан ва мониторинги сифат ва мутобиқати таҳсилоти олӣ ба бозори меҳнат мебошад.

- Ҳаҷми умумии лоиҳа **15,0 миллион доллари ИМА-ро** ташкил медиҳад, ки аз он **маблағи қарз** <u>8,25 миллион доллари ИМА (55%)</u> ва **маблағи грант** <u>6,75 миллион доллари ИМА (45%)</u>-ро ташкил медиҳад.

- Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда **10,65 миллион доллари ИМА-ро** ташкил медиҳад, ки ба **71%** маблағи умумии Лоиҳа баробар мебошад.

- Лоиҳа аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

| | |
|---|---|
| **Қисмати 1: Беҳбудиҳо дар сатҳи институтсионалӣ** | 12,66 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 1.1: Грантҳои хурд барои баландбардории тахассуси қувваи корӣ | 0,45 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 1.2: Барномаҳои озмунии грантӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 8,33 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 1.3: Беҳтар намудани шароити таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ | 3,88 млн. дол. ИМА |
| **Қисмати 2. Дахолат дар сатҳи система** | 1,61 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 2.1: Беҳтар намудани сифат | 1,31 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 2.2: Навсозии барномаҳои таълимӣ дар системаи маориф | 0,25 млн. дол. ИМА |
| Зерқисмати 2.3: Арзёбии маблағгузории таҳсилоти олӣ | 0,05 млн. дол. ИМА |
| **Қисмати 3. Идоракунӣ, мониторинг ва арзёбии Лоиҳа** | 0,73млн. дол. ИМА |

- Дар давраи ҳисоботӣ дар доираи татбиқи Лоиҳаи мазкур корҳои зерин анҷом дода шуданд. Аз ҷумла,

- Татбиқи **21 лоиҳаи грантии хурд** аз тарафи муассисаҳои таълимӣ бо арзиши умумии **4,2 миллион сомонӣ** (448,7 ҳазор доллари ИМА) пурра ба анҷом расид. Дар натиҷа **3499 нафар шунаванда**, ки аз он 2009 нафар зан (60%) курсҳои касбомӯзиро бомуваффақият хатм намуда, соҳиби касбҳои коргарӣ ва ҳунарҳои мардумии мутобиқ ба бозори меҳнат гардиданд. Омӯзиши касбҳо дар доираи *33 касбу ҳунарҳо*, ки дар бозори меҳнат талаботи зиёд доранд доир гардиданд, ки асосан дар самтҳои қаннодӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, ороиши мӯй, консервакунонии меваю сабзавод, забони русӣ барои муҳоҷирон, забони англисӣ, таррох ва технологияи дӯхти либосҳои миллӣ ва аврупоӣ, мактаби дояи касбӣ, тайёр кардани ронанда, адрасбофӣ, челонгарӣ, компютер ва ғайраҳо буданд. Қисми зиёди шунавандагони курсҳои касбомӯзӣ занҳо буданд.

- Вобаста аз ин, иҷрои нишондиҳандаҳои Зерқисмати 1.1. пурра ва барзиёд таъмин карда шудааст. Аз ҷумла,

- ✓ **3499 нафар** курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро аз рӯйи 33 касбу ҳунар хатм намуданд (тибқи нақша 1200 нафар), ки **2,9 маротиба** аз нақша зиёд аст,
- ✓ **2009 нафар занҳо** курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро хатм намуданд (тибқи нақша 300 нафар), ки **6,6 маротиба** аз нақша зиёд аст.
- ✓ Дар ин замина, дар ҳаҷми **530 ҳазор доллари ИМА** маблағи зерқисмати мазкур сарфа гардид, ки мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Созишномаи маблағгузории Лоиҳаи “Рушди таҳсилоти олӣ” аз 29 сентябри соли 2021 барои амалӣ намудани чорабиниҳои нав истифода бурда мешавад.

- ✓ Дар ин давра, дар доираи Барномаи грантҳои озмунӣ татбиқи **49 лоиҳаи грантӣ** (29 лоиҳа барои беҳтар намудани сифати таҳсилоти олӣ ва 20 лоиҳа ҷиҳати дастгирии донишҷӯдухтарон) дар ҳаҷми умумии **85,0 миллион сомонӣ** (8,8 млн. доллари ИМА) аз тарафи **26 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ** (МТОК) мавриди амал қарор дода шуданд.

- ✓ То имрӯз аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олӣ **49 лоиҳаи грантӣ (100%)** пурра амалӣ гардида, дар ҳаҷми **81,2 миллион сомонӣ** (7,95 миллион доллари ИМА) маблағ азхуд карда шудааст, ки **96,28%** маблағи умумии лоиҳаҳои грантиро ташкил медиҳад.

- ✓ Бояд қайд намуд, ки тавассути татбиқи лоиҳаҳои грантии мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ ва маҳаллӣ таҳия ва таҷдиди **барномаҳои таҳсилотӣ аз рӯи 76 ихтисоси академӣ (100%)** пурра ба анҷом расид. Дар ин раванд бо **64 муассисаи таълимии давлатҳои хориҷии пешрафтатарини ҷаҳон**, ки аз ҷиҳати сифати таҳсилот ва навоварӣ рейтингҳои баландро соҳиб мебошанд, аз ҷумла **24 муассисаҳои таълимии кишварҳои Аврупо** (Литва, Булғористон, Италия, Испания, Олмон, Швейтсария, Маҷористон, Полша, Словакия, Португалия, Финляндия, Шветсия, Эстония, Австрия, Британияи Кабир) ҳамкории мутақобила ба роҳ монда шуданд. Дар баробари ин, дар татбиқи лоиҳаҳои зикргардида зиёда аз **40 муассисаҳои маҳаллӣ** аз ҳисоби ассотсиатсияҳои корфармоён, марказҳои таълимӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ низ ҷалб гардида буданд.

- ✓ Айни ҳол тибқи талаботи Бонки ҷаҳонӣ арзёбии лоиҳаҳои грантӣ аз тарафи **мушовирони байналмилалӣ (4 нафар)** ва **мушовири маҳаллӣ (4 нафар)** идома дорад, ки то имрӯз арзёбии **49 лоиҳаи грантӣ (100%)** анҷом дода шудааст. Дар асоси ҳисоботи экспертҳо раванди татбиқи ин лоиҳаҳо бомуваффақ анҷомёфта арзёбӣ шудааст.

- ➢ Дар ин давра вобаста ба корҳои анҷомёфта нишондиҳандаҳои Зерқисмати мазкур чунинанд: Аз ҷумла,

- ✓ **38 лоиҳаи** барномаи грантҳои озмунӣ (тибқи нақша 30 лоиҳа), ки корфармоён дар амалисозии ҳадди ақал як ташаббуси стратегӣ ҷиҳати баланд бардоштани мутобиқати талаботи бозори меҳнат мусоидат мекунад. Иҷрои нишондиҳанда **126%**.

- ✓ **2800 нафар донишҷӯдухтарон** (тибқи нақша **2000 нафар**) аз хизматҳои махсуси таълимӣ ва аз дастгирӣ бархурдор гардиданд. Иҷрои нишондиҳанда **140%**.

- ✓ **6 ташкилоти ғайридавлатӣ** дар банақшагирӣ ва татбиқи лоиҳаҳо иштирок намуданд. Иҷрои нишондиҳанда **200%**.

- ✓ **2850 нафар омӯзгор** (тибқи нақша **250 нафар**) **ва 27500 донишҷӯ** (тибқи нақша **15000 нафар**) аз натиҷаи лоиҳаҳои грантӣ бархурдоранд, ки зиёда аз 40%-и онҳоро занҳо ташкил медиҳанд. Иҷрои нишондиҳандаҳо мутаносибан **11,4** маротиба ва **183%**.

- Бояд қайд намуд, ки мутобиқи тағйиру иловаҳо ба Созишномаи маблағгузорӣ (Кредити 5702-TJ) ва ба Созишномаи маблағгузорӣ (Грант D082-TJ) аз 29 сентябри соли 2021, ба Қисмати 1. Лоиҳаи "Рушди таҳсилоти олӣ" **зерқисмати 1.3 бо номи "Беҳтар намудани муҳити таълим дар МТОК"** илова карда шуд.

- Зерқисмати мазкур бо мақсади беҳтар намудани сифат ва рушди раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тавассути ду самт/фаъолият амалӣ карда мешавад:

- ✓ **Якум**, таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо таҷҳизоти технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ва таҷҳизоти лабораторӣ; ва
- ✓ **Дуюм**, тақвияти иқтидори таълими фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ интихобшуда барои ҳалли мушкилоти марбут ба COVID19.

- Айни замон, бо назардошти натиҷаҳои бадастовардашуда ва дар заминаи маблағҳои сарфашуда корҳо ҷиҳати амалинамоии **зерқисмати 1.3. “Беҳтар намудани шароити таълим дар МТОК”**, ки тавассути озмун муассисаҳои таҳсилоти олӣ касбӣ бо таҷҳизотҳои таҷҳизоти лабораторӣ ва технологияҳои иттилоотӣ таъмин карда мешаванд. Тибқи нақша, интиқол ва насби таҷҳизот дар муассисаҳо то охири моҳи августи соли 2022 ба анҷом мерасад.

- Инчунин, аз тарафи ширкати машваратии “Навтарин системаи технологӣ” тибқи қарордод кор оид ба такмили низоми таҳсилоти фосилавӣ/онлайн дар *Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ, Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ* ва *Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон* оғоз гардид, ки тибқи нақша моҳи июли соли 2022 анҷом дода мешавад.

- Дар ин давра, **се марҳалаи таҳқиқот оид ба пайгирии фаъолияти хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ба ҷойи кор ҳозиршавии онҳо** ба анҷом расонида шуд. Ҳоло бошад тибқи нақша давраи чоруми пурсиши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар *моҳи марти соли 2022* шуруъ гардид.

- Ҷиҳати беҳтар намудани имкониятҳои **Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ**, ҳисоботи ниҳоӣ ва презентатсия вобаста ба сифати таҳсилоти дохила ва беруна дар муқоиса бо ҷараёни Болонӣ омода гардид ва аз аккредитатсияи институтсионалӣ гузаштани *3 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии пилотӣ* гузаронида шуд.

- Лозим ба зикр аст, ки бо мақсади муайян намудани талаботи корфармоён оиди босифат омода намудани касбҳои мувофиқ дар доираи **400 корхона** дар **панҷ бахши афзалиятнокӣ соҳаи иқтисодиёт** (саноати сабук, сохтмон, энергетика, иқтисодиёт ва молия, сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), ки дар онҳо қариб **30 ҳазор коргар** фаъолият доранд, **таҳқиқот** гузаронида шуд. Натиҷаҳои таҳқиқот гузаронидашуда дар раванди таҳия ва такмили стандарту барномаҳои таълимии ихтисосҳои академӣ муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

- Вобаста ба иҷрои татбиқи зерқисмати 2.2–и Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ҳамаи **барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон** барои соли таҳсили 2021–2022 пурра ба шакли нав иваз карда шуданд.

- Дар маҷмӯъ, татбиқи Лоиҳа тибқи нақшаи бо Бонки ҷаҳонӣ мувофиқашуда идома доранд.

***ТАШАККУР БА ДИҚАТАТОН!***